08.00.05 Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ
08.00.05 Экономика и управление народным хозяйством
08.00.05 Economica and national economy menegment

УДК 33
ББК 65.14

## ИДОРАКУНИИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ САЙЁҲӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР

***Абдуганиев Шавкатҷон Қучқорбоевич*** *- муаллими калони кафедраи менеҷменти Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: abduganiev86@inbox.ru*

## УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЕМ ТУРИСТИЧЕСКИХ УСЛУГ В УСЛОВИЯХ РЫНКА

***Абдуганиев Шавкатджон Кучкорбоевич*** *– старший преподаватель кафедры менеджмента Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, (Республика Таджикистан , г. Худжанд), e-mail: abduganiev86@inbox.ru*

## MANAGEMENT OF DEVELOPMENT OF OF TOURIST SERVICES IN MARKET CONDITIONS

***Abduganiev Shavkadzhon Quchqorboevich*** *- Senior Teacher, Department of Management, Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce, (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: abduganiev86@inbox.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *идоракунӣ, сайёҳӣ, бозори сайёҳӣ, саноати сайёҳӣ, бозори хизматрасонии сайёҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ.*

*Дар мақола масъалаҳои асосии идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ дар шароити бозор дида мешавад. Дар ин самт муаллиф идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳиро ҳамчун қисми таркибии рушди иқтисодии давлат, некуаҳволии халқ ва таъмини шугл меҳисобад. Хусусиятҳои рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ баррасӣ карда мешаванд.*

***Ключевые слова:*** *управление, туризм, туристический рынок, туристическая отрасль, рынок туристических услуг, туристическая инфраструктура.*

*В статье рассматриваются основные вопросы управления развитием рынка туристических услуг в рыночных условиях. В этой связи автор рассматривает развитие управления рынком туристических услуг как неотъемлемую часть экономического развития государства, благосостояния народа и занятости. Рассмотренны особенности развития рынка туристических услуг.*

***Key words:*** *management, tourism, tourist market, tourist industry, tourist services market, tourist infrastructure.*

*The article discusses the main issues of managing development of the market of the tourist services in market conditions. In this regard, the author considers the development of the managements tourism services market as an integral part of the economic development of the state, the welfare of the people and employment. The features of the developments tourist services market will be considered.*

Бо шарофати Истиқлолияти кишварамон, ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад, бо истифода аз имкониятҳои табииаш сайёҳони бештари хориҷиро ба кишвар ҷалб кунад. Бо мақсади идора кардани рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ,

ҷалби ҳарчи бештари сармоя дар ин самт ва омода кардани кадрҳои болаёқат соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳамкорӣ ва саъю кӯшиши якҷояи сохторҳои давлатию хусусӣ барои идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ дар асоси қонунгузории дурусти соҳавӣ сабаби эҳёи босуръати ин соҳа гардида, он метавонад барои сарчашмаҳои нави даромади буҷет ва даромадҳои шахсӣ, таъмини шаҳрвандон бо ҷойҳои нави корӣ ва паст гардидани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд. Инчунин такмили қонунгузории дурусти соҳа омили мусоидаткунанда дар раванди ҷаҳонии сайёҳӣ шомил шудани Тоҷикистон хоҳад гашт.

Маълум аст, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои ҷолиб дар соҳаи соҳибкорӣ ба шумор меравад. Бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар кишвари мо дар марҳилаи бозсозии сохторӣ ташкилёбии ниҳодӣ, ташаккулёбии робитаҳои дохилисоҳавӣ, байни соҳавӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ қарор дорад.

Боиси таасуф аст, ки дар давоми солҳои ҷанги шаҳрвандӣ 1990-1997 дар кишварамон тамоми зерсохторҳои хоҷагии халқ, аз он ҷумла зербунёди соҳаи сайёҳӣ харобу валангор шуда, то ба сатҳи нестӣ расида буд. Танҳо баъд аз ба итмом расидини чанги шаҳрвандӣ тадриҷан зербунёди ин соҳа боз рӯ ба тараққӣ ниҳода, таваҷҷӯҳи соҳибкорон ба тиҷорати саноати сайёҳӣ рӯз аз рӯз зиёдтар гардида истодааст.

Боиси тазаккур аст, ки дар баробари эълон намудани солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”, Пешвои муаззами миллат боз як қатор имтиёзҳо ва сабукиҳои дигари андозиву гумрукиро барои рушд додани бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ пешниҳод намуданд [1].

Ин тадбир боиси осон шудани фаъолияти соҳибкорони соҳаи сайёҳӣ, афзоиши шумораи сайёҳон, зиёд шудани даромади давлат, некуаҳволии мардум ва рушди иқтисодиёт хоҳад гардид.

Идоракунии рушди мунтазами бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ зарурати танзими фаъоли давлатӣ ва ташаккулдиҳии сиёсати фаъоли давлатиро дар соҳаи сайёҳӣ талаб менамояд. Сайёҳӣ ба номгӯи самтҳои асосии бозсозии сохтори иқтисодиёти Тоҷикистон дохил аст, ки яке аз бахшҳои муҳим ва таркибии сиёсати давлати муосири Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар замони истиқлол ватани азизу маҳбубамон чӣ қадар рӯз то рӯз дар соҳаҳои гуногун ба мисли маориф, техника, энергетика, иқтисодиёт, сиёсат ва инчунин соҳаи сайёҳӣ мақоми волотареро касб намудааст. Ғайр аз ин дастовардҳои дигаре, ки диққати ҳар яки сайёҳро ба худ ҷалб мекунад ва ҳар сайёҳ аз дидан бахравард гардида, хушҳолу болидарӯ мегардад, ин ана, ҳамон сохтмони биноҳои боҳашамати пойтахтамон-шаҳри Душанбе мебошад. Ба мисли «Қасри миллат», «Парчами давлатӣ», «Нишон», «Китобхонаи миллии Тоҷикистон», «Кохи Наврӯз», «Боғи Пойтахт» ва инчунин якчанд меҳмонхонаҳои зебою баландошёна ва ғайраҳо бо зебогии худ ба шаҳр ҳусни дигареро зам намуда барои рушди соҳибкории хурду миёнаи саноати сайёҳии давлатамон мусоидат мекунад.

Бо ба эътидол омадани вазъият дар дохили кишвар шумораи ширкатҳои сайёҳӣ, яъне соҳибкорони бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ ба якборагӣ зиёд шуд ва имрӯз дар кишварамон шумораи онҳо зиёда 160 ададро ташкил медиҳад. Давлату ҳукумати ҷумҳурӣ низ афзалияти соҳаи сайёҳиро ба инобат гирифта дар ин самт пайваста талош варзида як қатор қарорҳои махсус қабул намуданд. Масалан, қарор аз 11августи соли 1999 «Дар бораи минтақаи истироҳат ва сайёҳӣ эълон гардидани дараи Варзоб», аз 3 сентябри соли 1999 «Қонун дар бораи туризм», аз 21 сентябри соли 2000 «Дар бораи минтақаи истироҳат ва сайёҳӣ эълон кардани дараи Ромити ноҳияи Кофарниҳон», 3 ноябри соли 2001 «Дар бораи минтақаи сайёҳӣ байналхалқӣ эълон намудани ноҳияи Балҷувон» ҳамчун минтақаи сайёҳии истироҳат далели ин гуфтаҳост. Ба ғайр аз ин дар ҷумҳурӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва дигар санадҳои зарурӣ қабул шуданд, ки минбаъд барои рушду нумӯъи ин соҳа мусоидат мекунанд [2].

Бо дарназардошти афзалиятнок ба ҳисоб рафтани рушди тиҷорати саноати сайёҳӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ва бо мақсади таъмини рушди он дар кишвар қабули Барномаҳои давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014, 2015-2017 ва 2018-2020 ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030” ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои солҳои 2019-2022. Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия барои солҳои 2019-2022 тадбирҳои муҳимро дар самти рушди институсионалии соҳаи сайёҳӣ, ташаккули инфрасохтор, тарғибу ташвиқи имкониятҳои сайёҳӣ ва кашфи бозорҳои нав, чорабиниҳо дар самти ташаккули бренди миллии сайёҳӣ дар сатҳи байналмилалӣ, омодасозии кадрҳои соҳа ва такмили ихтисоси онҳо ва мутобиқгардонии соҳаи сайёҳи ба стандартҳои байналмилалӣ ва таъмини амнияти сайёҳон дар бар мегирад. [3].

Аҳамияти омӯзиши проблемаи идоракунии рушди иқтисоди сайёҳӣ пеш аз ҳама аз он вобаста аст, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои сердаромад ва босуръат рушдёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, бо таъсири рӯзафзуни ҳам ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳам дар иқтисодиёти кишварҳо ва минтақаҳои алоҳида хос аст. Таҷрибаи бисёр кишварҳо аз самаранокии баланди иҷтимоӣ ва иқтисодии сайёҳӣ шаҳодат медиҳад, ки дар кишвари мо рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ нисбат ба дигар кишварҳо хеле суст рушд карда истодааст. Агар ҳиссаи сайёҳӣ дар маҳсулоти дохилии миллии аксари кишварҳои пешрафта аз 5 то 15% ва дар баъзе кишварҳои тараққикарда то 50% бошад, пас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин рақам 2,2% -ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба дигар кишварҳо сустар мебошад.

Дар шароити тағирёбии бозор, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои ташкилии идоракунӣ, робитаҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои байни иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ ба далели гуногунии шаклҳои моликият, рушд ва фаъолшавии сохторҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорӣ ба куллӣ тағир меёбанд. Таҷрибаи ислоҳоти низоми идоракуние, ки солҳои охир дар мамлакатамон нишон медиҳад, ки ин низоми идоракунӣ дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ, ба қадри кофӣ самаранок намебошад [5].

Бозори сайёҳӣ як соҳаи зуҳуроти муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ мебошад. Бозор вазифаҳои зиёдеро, ба монанди иттилоот, миёнаравӣ, танзим, нархгузорӣ ва ғайраҳоро иҷро мекунад, аммо вазифаҳои асосӣ ин дарк намудани арзиши маҳсулоти сайёҳӣ ва ба истеъмолкунанда расонидани он, инчунин дастгирии иқтисодии тамоми раванди кор кардан дар низом мебошад. Механизми фаъолияти бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ, ин низоми фишангҳои иқтисодӣ барои тавозуни талабот ва пешниҳод ба маҳсулоти сайёҳӣ, гардиши пулӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ мебошад, ки ин нақшаҳои функсионалии бозори хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳиро нишон медиҳад, дар расми 1 оварда шудааст.




Расми 1. Нақшаҳои функсионалии бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ.

Муҳити беруна чунин таъсиреро ба вуҷуд меорад, ки хавфҳои иқтисодӣ ва истеҳсолиро ташкил медиҳанд, ки нақшаҳои функсионалии ширкатҳои сайёҳиро вайрон мекунанд. Омилҳои муҳити беруна чунин хатарҳоеро дорад, ки ба манбаъҳои табиӣ, фарҳангӣ, нақлиётӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Ғайр аз ин, боз омилҳои гуногуни муҳити берунае мавҷуд ҳастанд, ки талаботро ба хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ кам намуда ба фаъолияти самаранокии онҳо таъсири худро мерасонад. Аз ҷумла, шароити обу ҳаво, заминаҳои иқтисодӣ, вазъи ноустувори сиёсӣ, қонуншиканӣ дар таъминоти маҳсулоти сайёҳӣ ва ғайраҳо метавонанд ҳамчун таъсири хатарнок амал кунанд. Бинобар ин ба инобат гирифтани

ин омилҳо муҳимтарин вазифаи мутахассисони ширкатҳои сайёҳӣ мебошад. Коршиносон ва таҳлилгароне, ки бо банақшагирӣ ва пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ машғуланд, бояд усулҳо ва моделҳои таҳлили миқдории иқтисодиёт ва технологияҳои муосири иттилоотиро барои ин мақсадҳо истифода баранд.

Бинобар он ташкилу тараққӣ додани тиҷорати саноати сайёҳӣ, самаранок истифода бурдани минтақаҳои сайёҳӣ ва бунёд намудани иншоотҳои табобатию истироҳатӣ дар қаламрави кишвар аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ дорад. Марбут ба ин масъала Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Садри аъзами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эътибори махсус дода, барои идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ ва дуруст истифода бурдани минтақаҳои сайёҳӣ як қатор имтиёзҳоро пешниҳод намудаанд [1]:

- ҷорӣ кардани низоми соддакардашудаи раводид барои шарҳвандони зиёда аз 80 кишвар;
- озод кардан аз пардохтҳои андозию гумрукӣ, воридоти таҷҳизоту маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ;
- дар муддати панҷ соли аввали фаъолият аз пардохти андоз аз фоида озод кардани ширкатҳои сайёҳӣ;

Умуман, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои ҷиддӣ ва кӯшишҳое баҳри рушди равнақи бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ ба назар мерасад. Дар муқоиса бо солҳои 1991-2000, ки соҳибкории соҳаи сайёҳӣ он қадар хуб рушд наефта буд. Солҳои 2001-2010 баъзе тағйироту дигаргуниҳо ва навсозию бунёдкориҳо дар тиҷорати саноати сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ ба назар мерасад. Масалан аз солҳои 2005 сар карда то имрӯз дар шаҳри Душанбе бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор соҳибкорони дохиливу хориҷа якчанд меҳмонхонаҳои ҳозиразамон бунёд гашта, меҳмонхонаҳои мавҷуда аз нав таъмир гардиданд, ин ба рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ таъсири худро гузошта истодааст.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои омрӣ маълум карда шуд, ки дар соли 2019 шумораи шахсони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 1319,2 ҳазор нафарро ташкил намуд. Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба ҷумҳурӣ ворид гардидаанд, 1257,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 21,5 фоиз зиёд аст. Афзоиши шумораи шахсони хориҷии ҳамчун сайёҳ воридшуда (ташрифоварда) нишон медиҳад, ки шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба 222,6 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Дар робита барои рушди тиҷорати саноати сайёҳӣ ва фаъолияти хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо ва минтақаҳои сайёҳӣ дар давраи истиқлолият дар Тоҷикистон ҳаминро гуфтан лозим аст, ки меҳмон, сайёҳ дар вақти сайру сайёҳат чи аз шаҳрвандони Тоҷикистон ва чи аз ҷумлаи шаҳрвандони хориҷӣ ба ҷойҳои хуби истироҳат, шароити корӣ, сайругашт, анвои хӯрокворӣ, ба бози ё тамошо, маъракаҳои шавқовар, ҷойҳои таърихӣ ва ғайра бояд таъмин гардад. Ҳалли ин масъалаҳо маълум аст, ки дар зима маъмурияту кормандони ширкатҳои сайёҳӣ, минтақаҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонаҳо мебошад. Ғайр аз ин, баъзе мизоҷон таасуроти хешро дар саҳифаҳои интернет оид ба истиқоматашон дар ин ё он меҳмонхонаҳо ва ё минтақаҳои сайёҳӣ мегузоранд, ки ин дар маҷмӯъ ба шуҳрату эътибори он муассисаҳо ва ба он кишвар таъсир мерасонад.

Новобаста аз тадбирҳои андешида, дар рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ камбудиҳо ва мушкилотҳое, ки ин вобаста ба масъалаи такмили низоми раводид ва бақайдгирӣ дар кишвар, нокифоя будани корҳои таблиғотӣ, аз ҷумла иштирок дар намоишгоҳҳои соҳавӣ ва чорабиниҳои байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии байни идоравӣ дар самти идоракунии рушди бозори хизматрасонищои сайёҳӣ то ҳанӯз ҷой доранд.

Барои дар оянда бартараф кардани камбудиҳо ва мушкилотҳои идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ чунин масъалаҳо ба назар гирифта шаванд:

- дастгирии мақсадноки соҳибкорони саҳаи сайёҳӣ дар самтҳои ояндадори фаъолияти иқтисодии минтақаи мушаххас;
- ҳавасамандгардонии тараққиёти ташабуссҳои соҳибкорӣ, ба воситаи сиёсати самараноки андозӣ ва гумрукӣ, бардоштани монеаҳо ва маҳдудиятҳои маъмурӣ;
- барқароркунӣ ва тараққӣ додани тиҷорати саноати сайёҳӣ бо дарназардошти шароитҳои воқеии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;
- асосноккунӣ, ташаккулдиҳӣ ва тараққӣ додани инфрасохторҳои дастгирии соҳибкорони соҳаи сайёҳӣ;
- ташаккулдиҳӣ ва тараққӣ додани системаҳои таълимии касбӣ, тайёр намудани мутахассисон барои ташкили тиҷорати саноати сайёҳӣ.
- омӯхтани таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар ин соҳа;

- афзоиши фурӯши онлайни хизматрасониҳои сайёҳӣ;
- ташкили низоми тахфифҳо дар бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ бо мақсади ҷалб кардани сайёҳони хориҷӣ ба мамлакат.
- ташкили бозомӯзии мутахассисони ҷавон дар ширкатҳои бонуфузи сайёҳӣ ва ғ.

Хуллас идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ таъмини рушди иқтисодӣ, рушди тиҷорати саноати сайёҳӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, иҷтимоӣ ва фароҳам сохтани шароити зиндагии дурахшон барои ҳар фарди худшинос дар шароити иқтисоди бозорӣ хизмат менамояд.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 26 декабри соли 2019.
2. Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. барои солҳои 2009-2019. Душанбе, 06.01.2018 № 1. 12 с.
3. “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030”аз 1 августи соли 2018, № 372. 39 с.
4. Абдуалимов А., Қодирова М.И. Иқтисодиёти туризм, дастури таълимию методӣ барои донишҷӯёни донишкадаю донишгоҳҳои олӣ. Душанбе, 2012 . 174 с.
5. Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н., Гулмирзоев Р.Н. Иқтисоди бозори сайёҳӣ. Душанбе-2017. 300 с.

## REFERENCES

1. Address on key aspects of Tajikistan’s domestic and foreign policy by the President of the Republic of Tajikistan, the Leader of the Nation, H.E. Emomali Rahmon to the Parliament of the Republic of Tajikistan. 26.01.2021, Dushanbe city.
2. Concept of tourism development in the Republic of Tajikistan. for the years 2009-2019. Dushanbe, 06.01.2018 № 1. 12 p.
3. “Tourism development strategy in the Republic of Tajikistan for the period up to 2030” from August 1, 2018, № 372. 39 p.
4. Abdualimov A., Qodirova M.I., Economics of tourism, educational and methodical manuals for students of institutes and universities. Dushanbe, 2012. 174 p.
5. Yorov J.N., Saifulloev N.N., Gulmirzoev R.N. Economy market tourism. Dushanbe-2017. 300 p.